**ХУЛОСАИ НИҲОИИ**

**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018**

**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи**

**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

**Парвандаи аттестатсионии № _________**

Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 30 майи соли 2023, таҳти №34 дар бораи сазовор донистани Абдуалимзода Исмоил Иброҳим, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ

Диссертатсияи Абдуалимзода Исмоил Иброҳим дар мавзуи «Ташаккул ва рушди конунгузории молиявии Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат санаи 21 феврали соли 2023, суратмаҷлиси №25 аз ҷониби Шурои диссертатсионии **6D.КОА-018** назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, Шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, №16/шд тасдиқ гардидааст) қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Абдуалимзода Исмоил Иброҳим соли 2004 Донишкадаи андоз ва ҳуқуқи Тоҷикистонро бо ихтисоси андоз ва андозбандӣ, соли 2009 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси молия ва қарз, соли 2017 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси ҳуқуқшинос ва соли 2022 Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо ихтисоси иқтисодчӣ хатм намуда, аз соли 2004 то соли 2020 дар вазифаҳои гуногуни вазорату идораҳои давлатӣ ва муассисаҳои олии таълимӣ фаъолияти меҳнатӣ намудааст. Аз 2020 то инҷониб номбурда дар вазифаи ноиби ректор оид

ба иқтисод ва хоҷагидории Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият дорад.

Аз 31 декабри соли 2019 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тариқи буҷавӣ қабул гардидааст (фармоиши Ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз (28.12.2019, №186-1).

Мавзуи диссертатсия «Ташаккул ва рушди қонунгузории молиявии Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ» дар ҷаласаи Шурои олимони Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст (28.12.2019, №186-1).

Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро гардида, дар ҷаласаҳо муҳокима карда шуда, ба экспертизаи давраи дуюми муассиса тавсия дода шудааст (аз19.03.2022).

Диссертатсия шурои (семинари) илмии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокима карда шуда, ба ҳимоя пешниҳод карда шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Ғафурзода Абдухалил Давлаталӣ** - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (шаҳри Душанбе);

**Муқарризони расмӣ:**

**Бобоҷонзода Исрофил Ҳусейн** - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

**Бухориева Сафаргул Мансуровна** - номзади илмҳои ҳукукшиносӣ, сардори шуъбаи ҳуқуқ ва кор бо кадрҳои Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Муассисаи пешбар** - Муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон» (ш. Душанбе). Дар хулосаи мусбати додашудаи муассиса, ки аз тарафи муқарриз Алиев Ф.Ш. - номзади илмҳои ҳуқукшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷорати ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон имзо шудааст, қайд гардидааст, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниходу тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маъруза҃о дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад. Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он 8 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 5 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонидааст. Интишороти унвонҷӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз руйи мавзуи диссертатсия:**

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои такризшававда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[1–М]. Абдуалимзода, И.И. Ҳуқуқи молиявӣ дар низоми ҳуқуқии кишварҳои рушдёбанда [Матн] / И.И. Абдуалимзода, А.Д. Ғафурзода //

Идоракунии давлатӣ (Бахши илмҳои иқтисодӣ). – 2020. – №1(45). – С. 23-30. ISSN 2664-0651.

[2–М]. Абдуалимзода, И.И. Накши стратегияҳои миллӣ дар рушди қонунгузории молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / И.И. Абдуалимзода // Идоракунии давлатӣ (Бахши илмҳои иқтисодӣ). – 2021. – №3(52). – С. 127- 135. ISSN 2664-0651.

[3–М]. Абдуалимзода, И.И. Рушди қонунгузории молияи Ҷумхурии Тоҷикистон дар даврони Истиқлолияти давлатӣ [Матн] / И.И. Абдуалимзода, А.Д. Ғафурзода // Қонунгузорӣ. – 2020. – №4(40). – С. 70-77. ISSN 2410-2903.

[4–М]. Абдуалимзода, И.И. Ташаккули қонунгузории молиявӣ дар даврони тоинқилобӣ (баъди асри миёна то соли 1917) [Матн] / И.И. Абдуалимзода // Идоракунии давлатӣ (Бахши илмҳои иқтисодӣ). – 2021. – №4(53). – С. 115-122. ISSN 2664-0651.

[5–М]. Абдуалимзода, И.И. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқукии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи идоракунии молиявӣ ва назорати дохилӣ дар бахши давлатӣ бо қонунгузории баъзе давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил [Матн] / И.И. Абдуалимзода, З. Шеров // Идоракунии давлатӣ. – 2022. – №3(57). – С. 176-185. ISSN 2664-0651.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар дигар нашрияҳои илмӣ чоп шудаанд:**

[6–М]. Абдуалимзода, И.И. Поддержка конкурентной деятельности одно из направлений политики государства [Текст] / И.И. Абдуалимзода // Ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ: моделҳои муосири самаранокии он (маводи конференсияи байналмилалии илмиамалӣ). – Душанбе, 2021. – С. 129-134.

[7–М]. Абдуалимзода, И.И. Пайдоиши муносибатҳои молиявӣ дар аҳди қадим ва асрҳои миёна дар сарзамини тоҷикон [Матн] / И.И. Абдуалимзода // Нақши Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккул ва рушди

давлатдории миллӣ (Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ). – Душанбе, 2021. – С. 30-36.

**[8–М].** Абдуалимзода, **И.И.** Рушди қонунгузории молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / И.И. Абдуалимзода // **Таъсири** ҷаҳонишавӣ ба равандҳои сиёсии Тоҷикистон (Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣамалӣ). – Душанбе, 2021. – С. 68-73.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**Диноршоҳ А.М.** - муовини аввал, муовини директори иҷроия оид ба илм, инноватсия ва муносибатҳои байналмилалии филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор. Муқарриз иброз намудаанд, ки "аз ҷониби диссертант дар номгӯи навгониҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодгардида нисбат ба имтиёзҳои андозӣ барои занон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. (саҳ. 11). Аммо ба таври мушаххас унвонҷӯ роҷеъ ба масъалаи пажуҳишгардида мавқеи худро муайян накардааст". Ҳамчунин, "дар диссертатсия ишораҳо оид ба стратегия ва барномаҳои давлатӣ дар самти молияи давлатӣ рафтааст, аммо номгӯи онҳо зикр карда нашудааст, ки барои мушаххаснамоии масоили баррасишаванда мувофиқи мақсад мебошад (саҳ. 20)".

**ШарифзодаТ.** - дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. Муқарриз иброз намудааст, ки "муқоисаи илмии амалияи кишварҳои гуногун дар матни автореферат кам ба назар мерасад. Омузиши ин амалия метавонад барои самаранок истифода бурдани таҷрибаи дигар кишварҳо хизмат намояд".

**Давлатов М.** - муаллими калони кафедраи ҳуқуқи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, номзади илмҳои ҳуқукшиносӣ. Муқарриз иброз намудааст, ки "оид ба такмили қонунгузории молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

дар муқоиса бо санадҳои моделӣ ИДМ зимни таҳқиқи масъала хеле муҳим аст”.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эродҳои хусусияти баҳснокдошта манзур шудааст.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣтаҳқиқотии онҳо ба масъалаи гуногуни кори илмии анҷомдодашуда алоқамандии зич доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ корҳои зеринро анҷом додааст:**

1) пайдоиши муносибатҳои молиявӣ дар аҳди қадим ва асримиёнагии Тоҷикистон то давраи шӯравӣ муайян карда шудааст;

2) пайдоиш ва рушди қонунгузории молиявии Тоҷикистон дар давраи шӯравӣ таҳқиқ шудааст;

3) ташаккул ва рушди қонунгузории молия дар даврони соҳибистиқлолии кишвар таҳлил гардидааст;

4) марҳилаҳои инкишофёбии қонунгузории молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ ва мавриди омӯзиш қарор гирифтааст;

5) рушди қонунгузории молиявӣ оид ба назорат ва идоракунии давлатии соҳаи молия таҳлил карда шудааст;

6) самтҳои афзалиятноки рушди минбаъдаи қонунгузории молиявӣ дар шароити муосир муайян шудааст;

7) дурнамои инкишофи қонунгузории молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон коркард шудааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо он асоснок карда шудааст, ки:**

- натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур метавонад барои такмили меъёрҳои амалкунандаи қонунгузории молиявии ҶТ заминагузорӣ намояд ва барои такомули низоми молиявии давлат ва мақомотҳои босалоҳияти давлатӣ дар соҳаи молияи давлатӣ мусоидат менамояд;

- нуктаҳои асосии рисолаи илмии мазкур барои инкишофи танзими ҳуқуқии муносибатҳои молиявии Тоҷикистон ва рушд кардани қонунгузории молиявии давлат заминагузорӣ менамоянд;

- қисматҳои алоҳидаи кори илмии таҳқиқшаванда метавонад барои такмил додани барномаҳои давлатӣ ва стратегияҳои дарозмуддати қабулшавандаи соҳаи молияи давлатӣ нақши худро гузорад;

- натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур метавонад ба раванди таълим низ барои пешрафт кардани соҳаҳои ҳуқуқи андоз, ҳуқуқи молиявӣ, ҳуқуқи бонкӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ то андозае институтҳои алоҳидаи илми назарияи давлат ва ҳуқуқ саҳмгузор бошад.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта** ба сифати заминаи методологии таҳқиқот як қатор усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, ба мисли диалектикӣ, мантикӣ-забонӣ, оморӣ, шаклӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва дигар усулҳо истифода шудаанд.

Ҳамчунин, ҷанбаҳои алоҳидаи назариявии осори олимони ватанию хориҷӣ, ба монанди Ф.Т. Тоҳиров, А.Ғ. Холиқзода, М.З. Раҳимзода, А.Д. Ғафурзода, Ш.К. Ғаюрзода, И.Х. Давлатов, Т.Р. Пирзода, Ш.И. Исмоилов, Э.С. Насриддинзода, П.З. Мирзоев, М.С. Ҳоҷиев, Ҷ.Ю. Рустамзода, З.А. Раҳимов, Ш. Раҳимзода, Д.Д. Батюшков, И.С. Блиох, Л.И. Кауфман, В.А. Лебедев, С.Н. Петишкин, Л.Н. Яснополский ва дигарон омӯхта шудаанд.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд, ки:**

- нуктаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои амалие, ки дар рисола манзур карда шудаанд, метавонанд дар таҳияву таҷдиди қонунгузории соҳаи молия, омодасозии стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатӣ, рушди низоми молиявии давлат, таълим дар соҳаи ҳуқуқи молия ва андоз саҳмгузор бошанд;

- инчунин, натиҷаҳои рисоларо метавон дар таълими фанҳои ҳуқуқи моливӣ, ҳуқуқи бонкӣ, ҳуқуқи андоз, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона, навиштани рисолаҳои хатм, магистрӣ ва диссертатсияҳо истифода бурд;

- таклифу пешниҳодҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ барои такмили раванди ҳуқуқэҷодкунӣ, тафсир ва татбиқи танзими низоми молиявии давлат, инчунин танзими муносибатҳо оид ба истифодаи низоми молиявӣ аҳамияти илмӣ-амалӣ доранд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- нуктаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба осори илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ дар самти ҳуқуқи молиявӣ, ҳуқуқи бонкӣ, алалхусус қонунгузории молиявӣ асос ёфта, бо маводи интишории унвонҷӯ, ки оид ба мавзуи диссертатсия ба нашр расидаанд, мувофиқат мекунанд;

- дар таҳқиқоти диссертатсионӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ, инчунин як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии давлатҳои хориҷӣ, нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои асарҳои илмӣ истифода шудаанд, ки баҳои саҳеҳнокии натиҷаҳои бадастовардашударо таъмин мекунанд;

- натиҷаҳои илмӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар муқоиса бо нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда навгонии илмӣ доранд;

- натиҷаҳои бадастовардаи унвонҷӯ барои рушди илмҳои ҳуқуқи моливӣ, ҳуқуқи бонкӣ, ҳуқуқи андоз ва ҳуқуқи соҳибкорӣ ва ғ. мусоидат мекунанд.

**Саҳми шахсии муаллифи рисолаи илмӣ** бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниходу тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ тасдиқ мегарданд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ сахми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз 30 майи соли 2023 қарор қабул карда шуд, ки ба Абдуалимзода Исмоил Иброҳим дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ аз 15 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, №16/шд 62 тасдиқ гардидааст, «14» нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 7 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз «14» нафар аъзои Шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқукшиносӣ - «14» нафар, муқобил «нест», бюллетенҳои беэътибор «нест».

**Раиси Шурои диссертатсиони,**
**доктори илмҳои хукукшиносӣ, профессор** **Азиззода У. А.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсиони**
**доктори илмхои хукукшиносӣ, дотсент** **Назаров А.Қ.**

30 майи соли 2023